«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
______________
«___/___» ______________ 2024 с.

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Каримов Р.И. 29-уми июли соли 1992 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2010 ба зинаи бакалавриати Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба ихтисоси «манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия» дохил шуда, соли 2014 донишгоҳи номбурдаро бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2015 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси «идоракунии мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ» дохил шуда, соли 2017 бо муваффақият- бо дипломи аъло хатм намуда, соҳиби дараҷаи магистри иқтисодиёт гардидааст. Барои идомаи таҳсил ва машғул шудан ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, Каримов Р.И. соли 2017 ҳамчун доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2020 хатм намудааст.

Ҳамзамон мутобиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, Каримов Рустам Илҳомович дар мувофиқа бо раёсати ДДМИТ бо ариза ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, ҷавоби мусбӣ гирифтааст. Бо мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.09.2024 с. №07 (48) 02-407 барои супоридани фарқияти академӣ аз ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт ба ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) иҷозат гирифтааст ва санаи 18.09.2024 с. фарқияти академиро супоридааст.

Каримов Рустам Илҳомович аз соли 2018-то ҳол дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият кардааст. Аз ҷумла, солҳои 2018-2021 мутахассис ва баъдан сармутахассиси шуъбаи кор бо металлҳо ва сангҳои қимматбаҳои

сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои вокеии иқтисодиёти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз январи соли 2022 то ҳоло ба ҳайси ходими калони илмии Муассисаи давлатии «Тоҷик НИИГиМ»-и (Пажӯҳишгоҳи илмии тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсияи Тоҷикистон) назди Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29-уми декабри соли соли 2017, суратҷаласаи №5/5.2 тасдиқ шуда ва мувофиқи қарори ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019 суратҷаласаи №01/3.5 иваз гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон мебошад.

Муқарризон:

**Хоҷаев П.Д.**-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Абдумухторзода Н.А.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ;

**Нуридинов С.З.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз масъалаҳои муҳим ва муосири рушди саноати миллӣ ва таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат бахшида шуда, бо сабки хоса ва забони илмӣ иншо гардида, таҳқиқоти мустақиман анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Иштироки шахсии докторанти фалсафа (PhD) дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқоти рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ақидаҳои қолиб ва назарияҳои илмӣ, коркарди қиёсии маълумотҳои оморӣ, муайянсозии аҳаммияти инфрасохтори бозори энергетикӣ дар рушди соҳаи саноат, бахусус иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва хусусиятҳои рушди инфрасохтори энергетика дар сохтори саноат, муайянсозии шаклҳо ва гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори

бозори энергетикӣ ҷиҳати мушаххас гардонии доираи таҳқиқот, омӯзиши таҷрибаи хориҷии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва татбиқи паҳлӯҳои муфиди он дар Тоҷикистон, муайянсозии вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва тамоюлҳои он, таҳлили омилҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар шароити муосир, арзёбии иқтисодии ташаккули инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат, ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо таваҷҷӯҳ ба ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ ва таъмини рақобат дар бозори соҳа, рушди бозори энергетикии Тоҷикистон дар асоси ташаккули энергияи барқароршаванда, ки мавқеи асосии ин қисмати таҳқиқотро таъсиси объектҳои инфрасохтори энергетикӣ аз ҳисоби энергияи офтобӣ ташкил медиҳад, таҳияи методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон тавассути озмоиши воқеӣ натиҷагирӣ намудан аз таҳқиқоти илмӣ, инчунин тавсияҳои мушаххаси муаллиф вобаста ба татбиқи методҳои илмӣ ва равишҳои ба татбиқшавии ҳадафҳои олии рушди мамлакат таъсиррасон ифода меёбад.

**Дараҷаи асоснокии таҳқиқоти анҷомдодашуда.**

Асоснокӣ ва дараҷаи саҳеҳии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки муаллиф назарияҳо, хулосаю ақидаҳои дар таҳқиқотҳои илмии бунёдӣ ва амалии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ифодаёфтаро дар доираи баррасии масъалаҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуда, инчунин асосҳои методологӣ ва таҳлили равандҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакатро бо назардошти хусусиятҳои ғайричашмдошт тағйир ёфтани вазъи бозори соҳа ва дар баробари инҳо пайдо гардидани зарурати таҳияи методикаи таҳқиқи унсурҳои асосии бозор-талабот, таклифот, истеҳсолот, нархгузорӣ, сармоягузорӣ, ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин ташкили объектҳои инфрасохтории муосири каммасраф аз ҳисоби захираҳои энергетикӣ-офтобӣ дар ҳошияи таҳқиқотҳои илмии олимону муҳаққиқони ин соҳа баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар раванди иҷроиши рисолаи диссертатсионӣ усулҳои зерини таҳқиқот истифода бурда шудаанд: методҳои мантиқӣ, абстрактӣ ва диалектикӣ, мушоҳидаҳои шахсӣ, оморӣ, монографӣ, таҳлили қиёсӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ва ояндабинӣ ва ғ.

**Навгониҳои рисолаи диссертатсионӣ** аз асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили самтҳои асосии ташаккул ва рушди устувори объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аҳаммияти навгонии илмӣ доранд бо чунин тартиб пешниҳод гардидаанд:

- ҷанбаҳои назариявию методии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ асоснок гардида, хусусиятҳои таркибии он ба низом дароварда шуда, аз рӯйи хусусиятҳои истифодабарӣ, сатҳ ва мавқеи ҷойгиршавӣ дар бозор гурӯҳбандӣ карда шудааст. Ошкор карда шудааст, ки маҳз чунин методи гурӯҳбандӣ метавонад моҳияти илмию назариявӣ, самтҳо ва натиҷаҳои фаъолияти объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро возеҳ ошкор намояд;

- вазъи муосири бозори энергетикаи мамлакат таҳлил гардида, вобаста ба натиҷагирии қиёсӣ тамоюлҳои рушди он ташаккулёбанда арзёбӣ гардидааст. Ҳамзамон, таҳия ва ташкили барномаҳои махсуси рушди инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистонро дар самти дастрасии молу маҳсулоти саноатии соҳа, бахусус содагардонии пайвастшавии истеъмолкунандагон, ҷалби иштирокчиёни нави бозор ва такмили сиёсати нархӣ-тарофавии истифодаи энергияи барқӣ пешниҳод карда шудааст;

- ҳолат ва рушди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат таҳлил карда шуда, арзёбии иқтисодӣ гардида, дар асоси таҳқиқи унсурҳои асосии бозор истеҳсол-истеъмол-нархи молу маҳсулоти соҳа модели иқтисодӣ-риёзӣ таҳия карда шуда, рушди минбаъдаи соҳаояндабинӣ карда шудааст. Бо мақсади таъмини мувозинати дурусти бозор таҳияи барномаҳои миёнамуҳлати ташаккулдиҳандаи рушди бозори энергетикӣ дар дурнамои наздик пешниҳод гардидааст;

- самтҳои афзалиятноки рушди бозори энергетикии мамлакат муайян карда шуда, ташаккули усули созишномаи корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори бозори энергетикаи барқӣ асоснок ва пешниҳод гардидааст;

- рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар ташкили объектҳои нави инфрасохтори энергияи барқии алтернативӣ асоснок ва таҳқиқу озмоиши илмию амалӣ карда шуда, ташкили объектҳои инфрасохтори истеҳсоли энергияи офтобӣ дар минтақаҳои деҳоту кӯҳии мамлакат пешниҳод гардидааст. Исбот карда шудааст, ки фаъолгардонии ташкили объектҳои инфрасохтори энергияи барқии офтобӣ метавонад арзиши аслии истеҳсоли 1 кВт*с. баркро дар бозори мамлакат ба 0,12 сомонӣ расонида, дар оянда ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативию эҳтиётӣ бо объектҳои энергетикаи обӣ рақобат намояд;

- самаранокии иқтисодии ташкили объекти инфрасохтори нерӯгоҳи хурди барқии офтобӣ ҳамчун инфрасохтори варианти алтернативӣ дар асоси гузаронидани озмоиши иқтисодӣ-риёзӣ муайян карда шудааст. Бо истифода аз методи муассири муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон барои таҳияи барномаҳои давлатӣ,  минтақавӣ ва соҳавӣ дар минтақаҳои кӯҳистони мамлакат натиҷагирӣ ва заминагузорӣ шуда, бо ҳамин васила мусоидат намудан ба

татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат ва ба роҳ мондани содироти энергияи барқӣ дар заминаи энергияи сабз, таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо ихтисоси интихобшуда.**

Мазмуни диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод гардидааст, ба ихтисоси номбурда алоқамандии зич дорад.

**Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба ихтисоси интихобшуда.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқат мекунад: 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методии арзёбию баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 3. Пойгоҳи захиравии рушди соҳаи саноат ва энергетика, проблемаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, нерӯи инсонӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 7. Асосҳои назариявию методологии ташаккул, амалкард ва рушди бозори энергетикӣ; 8. Нархгузорӣ дар бозорҳои захираҳои энергетикӣ, нерӯи барқ ва гармидиҳӣ. Методҳои маҳдудсозии нархгузории инҳисорӣ. Танзими зиддиинҳисории бозорҳои захираҳои энергетикӣ. Сиёсати тарофавӣ дар соҳаи энергетика; 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 32. Механизмҳои идоракунии арзиши бозории корхонаҳои соҳаи саноат ва энергетика. Қабули қарор дар бахши идоракунии арзиши бозорӣ; 35. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда. 36. Дастгирии инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика мутобиқат мекунанд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Рустам Илҳомович дар шакли маърӯза ва мақолаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта, инчунин семинарҳои илмӣ-методӣ дар давраи солҳои 2019-2024 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳои илмии бадастовардашуда дар фаъолияти кории Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои зерсохтори он, аз ҷумла шуъбаи назорати давлатии энергетикии минтақаи Зарафшони вилояти Суғд, Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Системавтоматика» ва паҳлӯҳои назариявӣ-методии рисолаи диссертатсионӣ дар Донишкадаи

энергетикии Тоҷикистон татбиқ карда шудаанд, ки дар раванди тадриси фанҳои таълимии «Бозори ҷаҳонии энергетикӣ» ва «Ташкили истеҳсол дар корхонаҳои энергетикӣ» истифода мешаванд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** Муқаррароти асосии рисолаи диссертатсионӣ дар ҳаҷми 20 мақолаи илмӣ (дар яккамуаллифӣ ва ҳаммуаллифӣ), аз он ҷумла, 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва таълимоти Олии Федератсияи Россия тақризшаванда нашр шудаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:

[1-М]. Каримов Р.И. Государственно-частное партнерство как форма развития инфраструктуры сферы энергетики [Текст] / Б.Д. Тагоев, Р.И. Каримов // Вестник финансово-экономического института Таджикистана. - 2018. - №1 (13). – С. 17-23.

[2-М]. Каримов Р.И. Снижение потерь электроэнергии на основе государственно-частного партнерства [Текст] / Р.И. Каримов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. - №6 (2). – С. 75-80.

[3-М]. Каримов Р.И. Ташаккули инфрасохтори энергетикии НБО Роғун кафили истиқлолияти энергетикӣ [Матн] / Р.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №1. – С.67–72.

[4-М]. Каримов Р.И. К вопросу об использовании солнечных энергоустановок в условиях Республики Таджикистан [Текст] / С. Ганиев, Ш. Д. Самади, М.Х. Содиков, Р.И. Каримов // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2019. – №3 (47). – С.32-40.

[5-М]. Каримов Р.И. Тамоюлҳои рушди бозори хизматҳои энергетикии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамои рушд [Матн] / С.Ҷ. Комилов, Р.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №11. – С.46-52.

[6-М]. Каримов Р.И. Таҳияи варианти алтернативии пешниҳоди хизматҳои соҳаи энергияи барқӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С.Ҷ. Комилов, Р.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №10. (1) – С.155-162.

[7-М]. Каримов Р.И. Фаъолгардонии варианти алтернативии инфрасохтори энергетикаи обӣ дар шароити муосир [Матн] / Р.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. (2) – С.131-137.

[8-М]. Каримов Р.И. Экономическая оценка выбора источника электрической энергии для электроснабжения потребителей в децентрализованных сетях [Текст] / Р.И. Каримов, Х.Б. Назиров, Р.С. Ишан-Ходжаев, З.С. Ганиев, М.Х. Сафаралиев // Электротехнические системы и комплексы. Магнитогорский государственный технический университет им. Г.И. Носова, г. Магнитогорск. №3 (64). 2024. – С.23-32.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

[9-М]. Каримов Р.И. Развитие энергетической инфраструктуры как основа конкурентного преимущества экономики [Текст] / Р.И. Каримов // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы развития современного предпринимательства в Республике Таджикистан» (20-21-октября 2017 года). – Душанбе. 2017. – С. 126-128.

[10-М]. Каримов Р.И. Становление и перспективы развития инфраструктуры сферы гидроэнергетики на основе государственно-частного партнерства. Актуальные проблемы формирования информационного общества в Республике Таджикистан: состояние и перспективы развития [Текст] / Р.И. Каримов // Материалы международной научно-практической конференции (15 мая 2018 года) – Душанбе, 2018. – С. 124-129.

[11-М]. Каримов Р.И. Теоретические основы финансирования инфраструктуры сферы энергетики на основе государственно-частного парнерстрва [Текст] / Р.И. Каримов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: сборник научных трудов IV Международной научно-практической конференции / под общ. редакцией д.э.н. профессора З.О. Адамоновой – Симферополь: ИТ «АРИАЛ», 2018. – С.358-361.

[12-М]. Каримов Р.И. Развитие энергетических услуг Таджикистана в современном мировом хозяйствовании [Текст] / Р.И. Каримов // Государственное управление развития сферы туризма в Республике Таджикистан: состояние и перспективы. Сборник материалов республиканской научно-практической конференции. 22-июня 2019 года. – Душанбе, - 2019. – С. 225-229.

[13-М]. Развитие инфраструктуры сферы гидроэнергетики Таджикистана: институциональные аспекты [Текст] / Р.И. Каримов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: сборник научных трудов: в 2-х томах / под общей редакцией д.э.н., профессора З.О. Адамановой. – Симферополь: ИТ «АРИАЛ», 2019. – Т. 2. – С. 694-698.

[14-М]. Каримов Р.И. Ташаккули инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикӣ бо назардошти таҷрибаи Россия [Матн] / С. Ҷ. Комилов, Р.И. Каримов // Маводи конференсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи

«Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ» (13-октябри соли 2020) – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2020. – С.60-70.

[15-М]. Каримов Р.И. Ташаккули механизми шарикии давлват ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматҳои энергетикии Тоҷикистон [Матн] / С. Ҷ. Комилов, Р.И. Каримов // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. № 2. – С. 13-22.

[16-М]. Каримов Р.И. Вопросы развития инфраструктуры рынка энергетических услуг в условиях трансформации современных технологий [Текст] / Р.И. Каримов // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Проблемы формирования и развития цифровой экономики в современных условиях Республики Таджикистан», (Душанбе, 18 ноября 2022 года). – Душанбе 2022. – С. 178-183.

[17-М]. Каримов Р.И. Возможности привлечения инвестиций в объекты гидроэнергетической инфраструктуры: региональные аспекты [Текст] / С.Дж. Комилов, Р.И. Каримов // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Перспективы развития менеджмента и маркетинга в условиях цифровой экономики» (г. Душанбе, 22 ноября 2022г.). Душанбе, 2022. – С. 172-177.

[18-М]. Каримов Р.И. Организационно-экономические аспекты развития инфраструктуры рынка гидроэнергетических услуг [Текст] / Р.И. Каримов // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы» (г. Душанбе, 2 мая 2023г.). – Душанбе, 2023. – С.87-91.

[19-М]. Каримов Р.И. Развитие электроэнергетической инфраструктуры основа экономического роста [Текст] / С.Дж. Комилов, Р.И. Каримов // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане» (17 февраля 2023 года) – Душанбе, 2023. – С. 391-395.

[20-М]. Каримов Р.И. Программный подход развития инфраструктуры рынка энергетических услуг [Текст] / С. Дж. Комилов, Р.И. Каримов // Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства. Выпуск 10: сборник научных трудов / под общей редакцией д.э.н., профессора З.О. Адамановой. – Симферополь: ИП Хотеева Л.В., 2024. – С. 289-291.

## ХУЛОСА:

1. Диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод гардидааст, дорои натиҷаҳои илмӣ-назариявӣ ва ба таври воқеӣ дар фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноати энергетикии мамлакат

татбиққунанда мебошад, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд.

2. Диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод гардидааст, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экпертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар маҷлис иштирок доштанд 19 нафар аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар «муқобил» - нест, «бетараф»-нест.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси муштараки кафедраҳои иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2024, бо суратмаҷлиси № 3 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**

мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДДМИТ, н.и.и., дотсент — Ғафуров Ғ.С.

**Котиб:**

мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори ДДМИТ, н.и.и., дотсент — Шодиев К.Қ.

**Муқарризон:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Хоҷаев П.Д.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Нуриддинов С.З.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Абдумухторзода Н.А.

«Имзои Ғ.С. Ғафуров, К.Қ. Шодиев, С.З. Нуриддинов ва Н.А. Абдумухторзодаро тасдиқ менамоям»

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.А.

«Имзои П.Д. Хоҷаевро тасдиқ менамоям»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ — Ҷӯраев Ш.Н.